ПРОТОКОЛИ
ҷаласаи Гурӯҳи кории 11-и Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи ҳифзи муҳити зист, ҳолатҳои фавқуллода ва тағйирёбии иқлим

Тасдиқ мекунам:
Муовини якуми раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

______________ З.Қиёмзода
9.12.2024

аз 6 декабри соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок намуданд:
Аъзои Гурӯҳи корӣ тибқи рӯйхат (замима мегардад).

Рӯзномаи Ҷаласа:

1. Натиҷагирии рафти иҷрои чорабиниҳои «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»
2. Баррасии масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, ҳолатҳои фавқуллода ва тағйирёбии иқлим, аз ҷумла дастовардҳо, мушкилиҳо дар доираи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳури Тоҷикистон солҳои 2021-2025ва дигар барномаҳои соҳавӣ дар ҳошияи ҲРУ;
3. Баррасии масъалаи низоми мониторинг ва арзёбии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳури Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

Ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба масъалаи ҳифзи муҳити зист, ҳолатҳои фавқуллода ва тағйирёбии иқлимро бо суханҳои ифтитоҳӣ сардори ҳамоҳангсози Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Манучеҳра Мадҷон ва сардори Раёсати мониторинг, сиёсати экологӣ, обуҳавошиносӣ ва кадастри Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурзода Исфандиёр оғоз намуда, роҷеъ ба масъалаҳои баррасишаванда, аз ҷумла, фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравӣ, доираи фаъолияти Шӯрои миллии рушди назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим ибрози назар намуданд.

Дар баробари ин, оид ба дарёфти роҳу усулҳои ҳаллу фасли мушкилот дар самти ҳифзи муҳити зист, ҳолатҳои фавқуллода ва тағйирёбии иқлим, бахусус роҷеъ ба роҳандозӣ  намудани механизми мукаммал намудани ҳамкориҳо миёни ниҳодҳои давлатӣ ва агентиҳои мухталифи СММ, инчунин дигар шарикони рушди Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи ташаббусҳо вобаста ба ҳифзи муҳити зист, ҳолатҳои фавқуллода ва тағйирёбии иқлим аз рӯи Ҳадафҳои Рушди Устувор дар ҳошияи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар андешаронӣ карда шуд.

Бо назардошти он, ки баъзе аъзои гурӯҳ дар тули се соли охир бо сабаби иваз намудани ҷойи кор нав шуданд, сардори Раёсати мониторинг, сиёсати экологӣ, обуҳавошиносӣ ва кадастри Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурзода Исфандиёр дар мавзуи «Вазифаҳои асосии Гуруҳи кории байниидоравии 11 «Ҳифзи муҳити зист, ҳолатҳои фавқуллода ва тағйирёбии иқлим» бо рӯнамо баромад намуд (замима мегардад).

Инчунин, Шукурзода Исфандиёр ба аъзои Гурӯҳи 11 дар мавзуи «Рафти татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳури Тоҷикистон солҳои 2021-2025» доир ба иҷрои чорабинҳо дар самти ҳифзи муҳити зист, тағйирёбии иқлим аз рӯнамо баромад намуд.

Коршиноси БРСММ, Манзура Бахтдавлатова рунамо оид ба таҳияи «Нақшаи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим» ва доир ба мавзуҳои Стратегияи молиявии Нақшаи миллии мутобиқат ба тағйирёбии иқлим Консепсияи омодагии Нақшаи миллии мутобиқат ба тағйирёбии иқлим коршиносони байналмиллалӣ Александр Бизарро ва Йан Риджмпа баромад намуданд.

Баъд аз пешниҳоди муаррифномаҳо дар қисмати муҳокимарониҳо ва саволу ҷавоб дар доираи баррасии ҳар як мавзӯъ иштирокчиёни ҷаласа фикру ақидаҳои худро иброз доштанд.

Аз ҷумла, муовини сардори раёсати захираҳои оби Вазорати энергетика ва захираҳои об Шарипов Г.В. пешниҳод намуд, ки минбаъд аъзои Гурӯҳи корӣ на бо ному насаб, балкӣ аз рӯи мансаби ишғолнамуда намояндаи вазорату идораҳои дахлдор ба инобат гирифта шавад, вобаста ба масъалаи ҳифзи гуногунии биологӣ, ҳалии  мушкилиҳо дар ин  самт, кораманди Кумитаи ҳифзи муҳити зист Иргашев С., доир ба масъалаҳои обуҳавошиносӣ ва тағйирёбии иқли намояндаи Агентии обуҳавошиноси Маҳмадуллоев Ҳ. баромад намуданд.

Ҳамзамон Тоҳирзода С.-директори МД «Маркази миллӣ оид ба амалинамоии Созишномаи Париж» оид ба Таҷдиди саҳми муайяншудаи миллӣ (NDC) барои ноил шудан ба ҳадафи глобалии Конвенсияи чаҳорчӯби СММ оид ба тағирёбии иқлим, Шерматов Х.- директори МД «Маркази миллии амал оид ба ҳифзи муҳити зист» дар мавзуи «Беҳтар кардани экونизом ва хидматрасониҳои экونизомвӣ барои ҷомеаҳои деҳот ҷиҳати мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим», Ятимов О.-сардори Маркази миллии гуногунии биологӣ ва бехатарии биологӣ дар мавзуи «Ҳифз ва нигоҳдории гуногунии биологӣ барои мутобиқшавӣ ва истифодаи устувори захираҳои табиӣ» ва Улуғов У.-директори МД «Маркази миллии иҷрои Конвенсияи Стокголм оид ба ифлоскунандаҳои устувори органикӣ» дар мавзуи таҳияи «Стратегияи миллии идоракунии партовҳо» баромад намуданд.

Ҷиҳати фаъол гардидани Гурӯҳи кории 11 «Ҳифзи муҳити зист, ҳолатҳои фавқуллода ва тағйирёбии иқлим»-и Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои зерин қабул карда шуданд:

1. Бо мақсади натиҷагирии барномаву стратегияҳои самти ҳолатҳои фавқулодда ва идоракунии хавфҳои офатҳои табиӣ дар соли 2025 таҳти роҳбарии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Гурӯҳи 11 зергурӯҳи «Ҳолатҳои фақулодда ва идоракунии хавфи офатҳои табиӣ» таъсис дода шавад.
2. Аъзои гурӯҳи 11, ки аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо таъсиси дода шудааст, ҷиҳати пешниҳоди маълумоти таҳлилӣ вобаста ба бандҳои дахлдори «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» чораҳои зарурӣ андешанд.
3. Ҷаласаи навбатии Гурӯҳи 11 дар моҳи июли соли 2025 ба нақша гирифта шавад.

Котиби ҷаласа Ш.Рустамов